# Панҷара – тиреза – килкин

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 1 Январ, 2017 - 11:11
Се истилоҳ дар се кишвари ҳамзабон.

Имрӯз дар забони форсии Эрон, тоҷикӣ ва дарии Афғонистон ба таври мустақил аз вожаҳои мутародифи «панҷара», «тиреза» ва «килкин» истифода мешавад. Ин се вожа дар баёни чунин як мафҳуми муштарак яке аз вижагиҳои форсии муосир, тоҷикӣ ва дарӣ дар се ҳавзаи забонӣ ва се кишвари ҳамзабон ба шумор меравад.

Аз таърихи корбурди ин вожаҳо дар осори порсии дарӣ чунин бар меояд, ки аз ин гурӯҳ танҳо вожаи «панҷара», бинобар осор аз луғати бунёдии забони порсии дарӣ диниста мешавад ва он дар ин маъно дар забони форсии имрӯз низ мавриди истифода қарор дорад.

Акнун вижагиҳои ҳар кадоме аз ин вожаҳоро, бинобар корбурди онҳо дар форсӣ, тоҷикӣ ва дарии Афғонистон ба таври мухтасар дарҷ менамоем.

Панҷара (پنجره). Ин вожа дар осори порсии дарӣ дар мисоли чанде аз фарҳангномаҳо бад-он маъност, ки дар форсии кунунӣ то ба имрӯз ба кор меравад. Яке аз чунин манобеъ ҳудуди 30 вожаест, ки муаллифи «Меъёри Ҷамолӣ» Шамси Фахрӣ аз «Луғати фурсӣ»-и Асадии Тусӣ ҳамчун вожагони маъруф мисол оварда ва «панҷара» низ ба ин гурӯҳ шомил мебошад [Ниг: Капранов 1964, 174].

Дар «Бурҳони қотеъ» таълифи Муҳаммад Ҳусайн бинни Халафи Табрез ӣ аз гунаи мухаффафи он, яъне «панҷар» ба вазни «санҷар» низ ёд шуда, дар маънои «қафас» ҳам омадааст. (Бурҳони қотеъ, ҷ.1).

Дар иртибот ба «панҷара» мутобиқ ба тавзеҳоти фарҳангномаҳо ва шоҳид аз осор Деҳхудо дар «Луғатнома» тафсилотеро баён доштааст, ки фишурдаи он чунин аст: «Панҷара даричае бувад дар девор, ки берун нигаранд (Луғатномаи Асадӣ нусхаи Нахҷивонӣ). Он чи дар баъзе иморат мушаббак (Д.С. шабакадор; хона-хона) созанд (Ғиёс ул-луғот), даричае бувад мушаббак…, ҳарчи мушаббак бошад (Ғиёс ул-луғот). Тунукаи оҳанини пурсурох… Қафас (Луғатномаи Мақомоти Ҳарирӣ).

Мисли панҷара, шабакадор, мушаббак, даричадор» (Луғатнома, ҷ.4). Дар «Луғатнома» аз Фаррухӣ ва Носири Хусрав шоҳид оварда шудааст, ки ин далели корбурди ин вожа дар чунин маънӣ дар ҳавзаҳои забонии Хуросону Мовароуннаҳр мебошад.

Мафҳуми русии «окно с решёткой» дар форсӣ ба ибораи «панҷарайи мушаббак» маънӣ шудааст. [Галунов 1937]. Дар ҳама фарҳангҳои форсӣ дар баёни ин мафҳум танҳо ҳамин як вожаи «панҷара» истифода мешавад.

Дар забони форсии миёна дар баёни ин мафҳум вожаҳои rōzan ва rōz(b)ānag ба кор рафта, ки гунаи нахусти он (рӯзан/равзан) то ба имрӯз дар форсии Эрон, дарии Афғонистон ва тоҷикӣ мавриди истифода қарор дорад. Дар фарҳангномаҳои куҳан навишти ин вожа дар расмулхати форсӣ روزن бо фатҳи аввал ва савум, яъне «равзан» муаррифӣ шуда, бунёди он дар забони авестоӣ raočana — мебошад. Аз ин ҷо «равзан» ба маънои «равзанаи боми хона», дар арабӣ ҳамчун иқтибоси эронӣ — روزن ва ҳар сурох ва шикофе, ки дар васати девори утоқ ва ҷуз он бошад — дарича маълум аст. Дар осори суғдӣ rwcn (rōčan) (8557) ба маънои «панҷ ара» (window) ба кор рафтааст [Gharib 1995]. Дар бораи таърихи rōzan//ravzan ниг.: [Bartholomae 1904, 1491-1492; Бурҳони қотеъ, поварақи Муҳаммад Муин, ҷ.2, с.972-973].

Дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» дар алифбои лотин (соли 1933-1934) вожаҳои русии «окно; окошко» бо вожаҳои «панҷара» ва «тиреза» маънӣ шудаанд. Ҳамчунон ки мебинем, дар ин фарҳанг вожаи «панҷара» дар ҷойи аввал ва муродифи он- «тиреза» дар ҷойи дувум қарор дода шудааст. Дар чунин тартиб овардани ин ду вожа дар фарҳанг бад-он маъност, ки вожаи

«панҷара» дар забони меъёр бар муродифи он, яъне «тиреза» бартарӣ дорад. Вожаи «панҷара» дар ин маънӣ дар фарҳангҳои тоҷикӣ баъдан дар маънои дигар, яъне «решётка»-и русӣ ба кор рафта, дар маънои «окно» истилоҳи «тиреза» мавриди истифода қарор дода шудааст.

Дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1949 истилоҳи «панҷара» дар маънои «окно»-и русӣ хориҷ ва дар баёни ин вожаи русӣ «тироза» ва «дарича» оварда шудааст. Аммо «панҷара» дар ин луғат танҳо ба маънои «решётка» сабт гардидааст. Дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1985 ҳамин шарҳи «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и соли 1949 айнан такрор шудааст. Ҳамчунон ки мебинем, мавриди истифода қарор гирифтани «тиреза» ва хориҷ гардидани истилоҳи куҳани «панҷара», ки собиқаи тӯлонии хаттӣ дорад, ба луғати соли 1949 иртибот мегирад.

Тиреза (ت یری زه). Ин вожа ҳанӯз дар қарни XIX дар «Фарҳанги русӣ ба форсӣ» таълифи В.Наливкин, ки бар асоси вожагони мутадовил дар гӯ ишҳои кишвари Туркистон таҳия шудааст, дар шакли «тироза» (ت یرازه) бо муродифоти «дарича» (چه دری) «равзан» (روزن) ва «равзана» (ه روزن) дар шарҳи вожаи русии «окно» ба кор рафтааст. [Наливкин 1888].

Ҳамчунон ки аз навишти ин вожа дар «Фарҳанги русӣ ба форсӣ» таълифи

В.Наливкин дар шакли ت یرازه бар меояд, дар Туркистон вожаи мазкур дар чунин савтиёт маъруф будааст. Агар навишти форсии «тироза» ҳамчун шакли меъёр барои он замон маънӣ шавад, пас гунаҳои тоҷикии «тиреза» ва туркӣ-ӯзбекии «дераза» бояд шаклҳои мухаффафи «тироза» маънӣ шавад. Дар фарҳангҳои дузабонаи русӣ — ӯзбекӣ, ӯзбекӣ — русӣ ва ӯзбекӣ ба форсӣ ҳама ҷо вожаи «дераза» ба кор рафтааст [Русско - узбекский словарь, 1954; Узбекско - русский словарь, 1959; Ӯзбек тилининг изоҳли луғати, 1981; Фарҳанги узбакӣ ба форсӣ, 1386].

Бояд тазаккур дод, ки аз бунёди ин вожа, яъне «тироза» (дар навишти форсӣ ت یرازه) дар забони тоҷикӣ «тиреза» бо тафовути овойи «о» ва «е» дар ҳиҷои дувум ва дар ӯзбекӣ «дераза» (deraza) бо табдили t ба d дар оғози ин вожа ва таҳаввулоти дохилии овоӣ шаклҳои маҳаллии он дар забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ бар асоси савтиёти ин забонҳо устувор гардидааст, ки аз ин шаклҳо гунаи тоҷикии «тиреза» ба асли навишти форсӣ мутобиқат дорад.

Гунаи овоии «т» дар тоҷикӣ (тиреза) ва «д» дар забонҳои туркӣ (дераза) бар асоси қоидаи табдили «т» ва «д» дар оғози чанде аз вожаҳои муштарак дар забонҳои эронӣ ва туркӣ сурат гирифтааст. Ба таври намуна: dāya=tāya «доя», tenĵ= denĵ «тенҷ», tukma=dugma «тукма», tušak = dušak «бистари хоб», tavuš = davuš «овоз, садо» ва ғайра.

Килкин (ین ک ل ک). Ин вожа дар забони дарии Афғонистон иқтибоси ҳиндӣ буда, дар ин ҳавзаи забони порсии дарӣ ё форсӣ дар баробари теъдоде аз вожагону истилоҳоти ҳиндӣ, ки дар гӯйишҳои ин минтақа корбурди вижа доранд, истифода мешавад. Муқоиса шавад: дар пашту kəpkəй [Лебедов, Яцевич, Конаровский 1983].

Ҳамчунон ки аз шарҳи ин се вожа дар се манотиқи таърихии густариши забони порсии дарӣ бар меояд, ин се истилоҳи вижаи як мафҳуми муштарак дар форсӣ, тоҷикӣ ва дарии Афғонистон ба истилоҳи гуногун мавриди истифода қарор доранд. Таҳаввулоти ин мафҳум бо дар назар гирифтани давраҳои таърихии забони порсии дарӣ дар мисоли ҳавзаҳои забонӣ дар се кишвари ҳамзабони Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон чунин хулоса мешавад:

1. Корбурди истилоҳи муштараки «рӯзан/равзан» бар асоси осори се давраи таърихии забони порсии дарӣ (форсӣ, тоҷикӣ ва дарии Афғонистон) дар сарзаминҳои густариши ин забон.

Ба кор бурдани истилоҳи «панҷара» дар форсӣ.

Истифодаи вожаи аз нигоҳи пайдоиш ношинохтаи «тироза» дар манотиқи Осиёи Миёна ва гунаҳои маҳалли он дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯ збекӣ.

Мавриди истифода қарор гирифтани вожаи ҳиндии «килкин» бар ивази баробариҳои форсии он дар Афғонистон.

Феҳристи манобеъ
Бурҳони қотеъ. Таълифи Муҳаммад Ҳусайн бинни Халафи Табрезӣ, мутахаллис ба Бурҳон. Бо эҳтимоми доктор Муҳаммад Муин, ҷ. аввал. Теҳрон, 1342.
Галунов Р.А. Русско-персидский словарь.-Москва, 1937.
Капранов В.А. «Луғати фурс» Асади тусӣ и его место в истории таджикской (фарси) лексикографии. -Душанбе, 1964.
Лебедев К.А., Яцевич Л.С., Конаровский М.А. Русско-пушту-дари словарь. -Москва, 1983.
Луғати русӣ-тоҷикӣ. Ҳайати таҳририя: С.Айнӣ, С.Р.Алӣ зода, Алӣ
Исмоил-зода, Раҳим Ҳошим ва Муҳаммадҷон Юсуфӣ. -Сталинобод, 19331934.
Луғати русӣ-тоҷикӣ. (Зери таҳрири А.П.Деҳотӣ ва Н.Н.Ершов). -Москва -Сталинобод, 1949.
Луғати русӣ-тоҷикӣ. (Зери таҳрири М. Осимӣ). -Москва, 1985.
Луғатномаи Деҳхудо. Ҷилди 4. -Теҳрон, 1377.
Наливкин В. Русско -персидский словарь. Обще-употрнбительных слов по наречиям Туркестанского края. -Казан, 1888.
Узбекско-русскии словарь. -Москва, 1959
Ўзбек тилининг изоҳли луғати.-Москва, 1981.
Фарҳанги узбакӣ ба форсӣ. Муаллифон: Муҳаммад Ҳалим Ёрақин, Шафиқа Ёрақин.-Теҳрон, 1386.
Bartholomae Ch. Altiranisches Wörterbuch. -Strassburd, 1904.
Gharib B. Sogdian Dictionary (Sogdian — Persian -English).-Tehran, 1995.
MacKenzie Д.N. A concise Pahlavi Dictionary. -London, 1971.

Д.Саймиддинов

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 1

Баҳои миёна: 1 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Мақолаҳо [1]
- Фаъолият [2]

**Манбаъ::**https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/panchara-tireza-kilkin?mini=2026-04

**Пайвандҳо**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE [2] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82